Тасдиқ мекунам
Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ», доктори илмҳои таърих, профессор
________________Ибодуллозода А. И.
«17» ___апрели___ соли 2024

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» ба диссертатсия ва автореферати Калонова Маҳина Ҷумабоевна дар мавзуи “Пажуҳиши луғавӣ – маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совачӣ)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.**

Диссертатсияи Калонова Маҳина Ҷумабоевна дар мавзуи “Пажуҳиши луғавӣ – маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совачӣ)” ба шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ **мутобиқат дорад**.

Омӯзишу таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни забони шеъри намояндагони адабиёти классик, бахусус, забони назми шоирони асри XIV заминаи мусоиде барои рушди назарияи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ фароҳам меорад. Аз ҷумла, ҳаматарафа мавриди таҳқиқ қарор гирифтани мавзуи «Пажуҳиши луғавӣ – маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совачӣ)» имкон медиҳад, ки манзарае аз вожагони забони адабии форсии тоҷикии

асри XIV пеши назари аҳли таҳқиқ қарор гирад ва муҳимтарин ҷанбаҳои забонии он муайян гарданд. Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи доктории Калонова Маҳина Ҷумабоевна, ки ба таҳқиқи вижагиҳои луғавию маъноӣ ва сохтории забони назми садаи XIV бахшида шудааст, муҳим арзёбӣ мешавад. Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Калонова М.Ҷ. дар заминаи назарияи лексикологияи забони тоҷикӣ фароҳам омадааст, ки он аз ҳар ҷиҳат илми филологияи тоҷикро ғановат мебахшад.

Бояд таъкид кард, ки диссертант тайи чанд сол рӯйи мавзуи мавриди назар таҳқиқоти ҳирфаӣ бурда, натоиҷи илмии онҳоро дар шакли диссертатсияи докторӣ пешниҳод намудааст. Воқеан, омӯзиши вожагони забони назми шоирон аз масоили муҳим ба шумор рафта, пажуҳиши онҳо нишон медиҳад, ки лексикаи забони тоҷикӣ тули таърихи чандҳазорсола аз лиҳози шаклу мазмун ва муҳтаво таҳаввулу такомул ёфтаанд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Сохтори умумии кор, мубрамӣ ва аҳаммияти баргузории таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои асосии масъалаҳои таҳқиқшаванда, мавзуъ, масоил ва аҳаммияти амалии он, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳою натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуктаи назари ӯро нисбат ба мавзуи пажуҳиш инъикос менамояд. Муаллиф дар раванди таълифи диссертатсия ҳангоми баррасии масъалаҳои назарӣ ва амалӣ масъалаҳои пешгузоштаро ҳал намудааст. Диссертант ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои матраҳшаванда аз равишҳои таҳқиқи гуногун, аз ҷумла таҳлили вижагиҳои луғавӣ, маъноӣ, сохторӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ, этимологӣ ва қисман оморӣ истифода карда, бори аввал ба таври комплексӣ масъалаҳои ба таҳқиқи вожагони асри XIV дар қолаби кори диссертатсионӣ баррасӣ ва ҷамъбаст кардааст. Ҳамчунин, арзиш, аҳаммият ва вижагиҳои мубрами забони назми асри мазкурро дар мақолаҳову диссертатсияи худ зикр кардааст.

Калонова М.Ҷ. дар диссертатсияи худ аз нуқтаи назари луғавӣ ва калимасозӣ ашъори шоирони садаи XIV - Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ,

Салмони Соваҷиро мавриди баррасӣ қарор дода, таҳқиқ ва мушаххас намудани таҳаввулоти маъноӣ ва сохторӣ, таҳқиқи қонунияти ғановати забон аз нигоҳи вожагон ва таркиби луғот муаррифӣ гардидаанд. Таҳқиқи хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва сохтории вожагони забони назми асри XIV, муқоисаи вижагиҳои луғавӣ, қолибҳои калимасозии исми ашъори шоирони ин аср бо забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ бори нахуст сурат гирифта, аз ҷанбаи муҳимми ҳадафи таҳқиқот муаррифӣ мешавад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсияи Калонова М.Ҷ. аз 3 бобу 53 фаслу зерфасл иборат мебошад, ки ҳар яки онҳо ба проблемаҳои муҳимми хурду бузурги марбути вожагони забони назми ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ ихтисос доранд.

**Навоварии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсияи мазкур бори нахуст вижагиҳои сохторӣ, хусусан, калимасозии сарфии исмҳо (вандҳои сермаҳсул, каммаҳсул, бемаҳсул), исмҳои мураккаби пайвасту тобеъ, хусусиятҳои луғавӣ (мақоми калимаҳои асливу иқтибосӣ) ва маъноии вожагони ашъори шоирони асри XIV дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ҳамчунин, қолибҳои калимасозӣ ва хусусиятҳои луғавии ашъори шоирони мавриди таҳқиқ бо забони имрӯзаи тоҷикӣ мавриди қиёс қарор дода шудааст. Дар ин замина, таваҷҷуҳи алоҳида ба вожаҳои вижаи шоирони асри мазкур, ки бештари исмҳо дар қолиби ғайриизофат сохта шудаанд, равона шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ.** Пажуҳиши хусусиятҳои сохториву маъноии вожагони забони адабии асри XIV ба омӯзишу дарки вижагиҳои луғавии ашъори шоирони асри мазкур – Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Салмони Соваҷӣ кумак менамояд. Диссертатсияи Калонова М.Ҷ. дар муайян кардани мақоми калимаҳои тоҷикӣ ва иқтибосӣ дар ҷараёни вожасозӣ ва ташаккулёбии калимаҳои мураккаб мусоидат менамояд. Илова бар ин, вожаҳои аслӣ имконият доранд, ки воҳидҳои иқтибосии дигарро тобеъ намуда, калимаи мураккабро ташкил диҳанд. Дар ҷараёни таҳлили

вожагони ашъори шоирони садаи XIV вижагиҳои маъноиву шаклии онҳо баррасӣ гардида, ғаномандии забони тоҷикиро ба субут мерасонад.

**Натиҷаҳои таҳқиқ** метавонанд дар таълими фанҳои тахассусии забоншиносӣ, мисли калимасозӣ, забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, таърихи забони адабӣ, услубшиносӣ, маданияти нутқ истифода шаванд. Ҳамзамон, бахшҳои алоҳидаи диссертатсия метавонанд, ки ба сифати курсҳои махсус барои ихтисосҳои забон ва адабиёти тоҷики макотиби олии кишвар мавриди таълим қарор гиранд.

Боби якуми диссертатсия "Вижагиҳои луғавии вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV" унвон дошта, аз 7 фаслу зерфасл иборат мебошад. Фасли аввали боби якум "Матолиби муқаддамотӣ" ва фасли дуюм "Вожагони забони тоҷикӣ дар асри XIV" ном дошта, фарогири 6 зерфасл аст. Зерфасли якуми он "Хусусиятҳои сермаъноии воҳидҳои луғавӣ" номгузорӣ шудааст, ки дар он диссертант вижагиҳои сермаъноии вожаҳои забони адабии асри XIV дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совҷӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Калонова М.Ҷ. вожаҳои сермаънои ашъори шоирони асри XIV-ро ба ду гурӯҳ: 1) вожаҳои сермаънои мансуб ба истилоҳоти соматикӣ ва 2) вожаҳои ғайрисоматикӣ (мафҳумҳои ғайрисоматикӣ): мансуб донистааст. Муаллиф зимни баррасии хусусиятҳои забонии ашъори шоирон таҳқиқоти муфассал гузаронида, муайян кардааст, ки исми *сар* дар ғазалиёти шоирони асри мавриди таҳқиқ зиёда аз 11 маъниро бар дӯш дод.

Дар зерфасли дигари боби якум, ки "Хусусиятҳои ҳамсонии воҳидҳои луғавӣ" унвон гирифтааст, ки муаллиф омонимҳои забони назми асри 14-ро дар заминаи баррасии забоншиносони тоҷик, чун Ширинбонуи Исматуллоҳ ва Мирмуҳамедова М. ба риштаи таҳлил кашидааст ва ин, воқеан, арзиши илмии ҷустуҷӯҳои диссертантро меафзояд.

Дар зерфасли сеюми боби якуми диссертатсия Калонова М.Ҷ. хусусиятҳои муродифии вожагони забони тоҷикиро ба таҳқиқ мегирад, ки идомаи мантиқии баррасии масоили мавриди назар дар боби мазкури

диссертатсия мебошад. Ҷолиб он аст, ки дар фасли мазкур Калонова М.Ҷ. чунин мешуморад, ки роҳҳои пайдоиши муродифот дар забони адабии тоҷикӣ ба таври аниқ зикр нагаштаанд ва дар баробари мавҷуд будани роҳҳои маъруфи пайдоиши муродифот (аз ҳисоби калимасозӣ, аз ҳисоби калимаҳои иқтибосӣ, аз ҳисоби калимаҳои шевагӣ), ҳамчунин, се роҳи дигари пайдоиши онҳо (аз ҳисоби эвфемизм (калимаҳои малеҳ), вулгаризм (калимаҳои қабеҳ); калимаҳои кухнашуда ва аз ҳисоби калимоте, ки дар матн вобаста ба тобиши услубиашон маънии ба ҳам наздикро ифода мекунанд)-ро бояд ба эътибор гирифт.

Зерфасли чоруми боби якуми диссертатсия «Хусусиятҳои зидмаъноии воҳидҳои луғавӣ» унвон дошта, муаллиф таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқро ба он мекашад, ки дар шеъри Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва Салмони Соваҷӣ, ҳамчунин калимаҳои зидмаъное кор рафтаанд, ки дар сарчашмаҳои имрӯза зикрашон нарафтааст, бинобар ин, ба онҳо мебояд боз гурӯҳҳои алоҳидаро ҷудо намуд:

1.Калимаҳои зидмаъное, ки шахсро аз рӯйи касбу ҳунар ва вазифааш таъйин мекунанд:

2. Калимаҳои зидмаъное, ки маконро ифода мекунанд.

3. Калимаҳои зидмаъное, ки амалро ифода мекунанд.

Дар зерфасли панҷуми боби якум - «Хусусиятҳои наввожаҳо дар забони тоҷикӣ” диссертант тавонистааст, ки дар асоси сарчашмаҳои гуногун калимаву ибора ва таркибҳоеро муайян намояд, ки вижаи шоирони мазкур буда, аз наввожаҳои услубии забони назми асри XIV маҳсуб мешаванд.

Масъалаи дигари муҳимми забоншиносӣ, ки диссертант таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқро ба он ҷалб менамояд, калимаҳои кухнашудаи забони тоҷикӣ мебошанд. Калонова М.Ҷ. бо асосҳои эътимоднок таъкид мекунад, ки муқоисаи ашъори шоирони садаи X бо асри XIV маълум сохт, ки як қатор вожаҳо: *симсиқ, зарқа, вотгар, кобук, нисол, шахкоса, шафак, шаман, набаҳра, ҷофҷоф, сан, жагӯр/жакӯр, зуфт, соим, ситон, зайгам, кунна, офрӯша/афрӯша, мустӣ, вид, булкома, шилк, басагда, гоб, котура, вагеш, васнод, фалҷ, нагил,*

*кӯж/кӯз* дар асри XIV ба гурӯҳи калимаҳои куҳнашуда ворид шудаанд, ки калимаҳои куҳнашудаи садаи XIV ба шумор мераванд.

Масъалаи мазкур ба ду қисм: 1) калимаҳои куҳнашудаи луғавӣ ва 2) калимаҳои куҳнашудаи маъноӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия «Таснифоти мавзуии вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV» ном дошта, аз 36 фаслу зерфасл иборат аст.

Фасли аввали боби дуюм "Матолиби мукаддамотӣ" ном дошта, фасли дуюми боби дуюм «Воҳидҳои луғавии марбут ба касбу ҳунар" унвон дорад, ки дар он муаллиф ҳангоми баррасии вожаҳои мансуб ба касбу ҳунари ашъори шоирони асри XIV вожаҳоро ба 2 гурӯҳи зерин тақсим намудааст:

1) вожагоне, ки *нафареро аз рӯйи ин ё он касбу ҳунараш* ифода мекунанд ва ба забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ нисбат доранд.
2) калимаҳое, ки мансуб ба олоти рӯзгоранд.

Дар фасли «Номвожаҳои ҷуғрофӣ (топонимҳо)" муаллиф номвожаҳои ҷуғрофиро аз рӯйи маъно чунин тасниф намудааст: 1) номи шаҳрҳо, деҳаҳо, маҳалҳо (ойконимия); а) номи шаҳрҳо (полионимия); б) номи деҳаҳо (комонимия); 2) номи боғҳо; 3) номи обҳо (гидронимия); а) номи дарёҳо (потамонимия); б) номи баҳрҳо (пелагонимия); в) номи ҳавзҳо (лимнонимия).

Фасли чоруми боби дуюм «Номи обҷой (гидронимия)» ба омӯзиши 1) номи дарёҳо (потамонимия); 2) номи баҳрҳо (пелагонимия) ва 3) номи ҳавзҳо (лимнонимия) бахшида шудааст.

Дар фасли панҷум диссертант номи ҷонваронро ба риштаи таҳлил кашида, маънии асливу маҷозии онҳоро дар асоси абёти Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ дарёфт намуда, муайян кардааст, ки чунин вожаҳо ба забони форсии тоҷикӣ ва арабӣ мансубанд.

Қалонова М.Ҷ. бо такя ба андешаи забоншинос С. Хоркашев дуруст қайд мекунад, ки номи ҷонварон ба пайдоиши инсоният баробар буда, онҳо дар баробари дигар воҳидҳои луғавӣ дар ташаккули таркиби луғавии забони тоҷикӣ саҳмгузоранд.

Бояд қайд намуд, ки Калонова М.Ҷ. дар фаслҳои дигари боби дуюм воҳидҳои луғавии марбут ба хешу табор, воҳидҳои луғавии марбут ба соҳаи тиб, номи рустаниҳо (фитонимҳо), номи узвҳои бадан (соматизмҳо), вожаҳои марбут ба динҳо ва соҳаи мусиқиро дар ашъори шоирони садаи XIV ҷустуҷӯ намудааст. Бартарии кори диссертанро дар фаслҳои мазкур дар он мебинем, ки бо такя ба луғатҳои этимологӣ баромади забонии чунин вожаҳоро муайян кардааст ва бо воҳидҳои луғавии асри X муқоиса намудааст, ки ин ҷанбаи илмии диссертатсияро қувват мебахшад.

Яке аз бобҳои пурбори диссертатсияи Калонова М.Ҷ. боби сеюми он мебошад, ки аз се фасл иборат аст. Фасли аввали боби сеюм ба масоили муқаддамотӣ бахшида шуда, дар фасли дуюми боби сеюм «Сохтори исмҳо» исмҳои сода (исмҳои содаи мансуб ба забони тоҷикӣ, арабӣ, ҳиндӣ, юнонӣ, туркӣ), исмҳои сохта (исмҳои сохта тавассути пешванд ва исмҳои сохта тавассути пасвандҳо) таҳлилу баррасӣ гаштаанд. Дар фасли мазкур муаллиф исмҳои содаи иқтибосӣ (исмҳои мансуб ба забони арабӣ, юнонӣ, ҳиндӣ, туркӣ)-ро дар 4 ҷадвал омор намуда, ба чунин хулосаҳо омадааст, ки қобили эътиборанд ва бояд дар таҳқиқоти дигар аз ҷониби забоншиносон ба эътибор гирифтан ба манфиали илми забоншиносӣ хоҳад буд:

1. Азбаски шумораи калимаҳои арабӣ дар ашъори шоирони асри XIV ниҳоят зиёданд, бинобар ин, дар ҷадвали 1 ҳамагӣ 20 вожа бо басомад мисол оварда шудааст.

2. Вожаҳои содаи мансуб ба забони юнонӣ дар забони назми асри XIV дар қиёс бо забони арабӣ доираи истифодаи маҳдуд доранд ва онҳо ба ҳисоби миёна ҳамагӣ 5%-и (11-то – К.М.) таркиби луғавии забони назми садаи XIV-ро ташкил мекардаанд.

3. Барои муайян кардани дараҷаи истеъмоли исмҳои содаи мансуб ба забони ҳиндӣ ва фоизи онҳо дар ашъори шоирони асри XIV вожаҳои мавриди таҳқиқ дар ҷадвали 3 ҷой дода шудааст, ки ба ҳисоби миёна чунин вожаҳо ҳамагӣ 2%-ро ташкил кардаанд.

4. Омори исмҳои мансуб ба забони туркии ашъори шоирони садаи XIV нишон додааст, ки гурӯҳи чунин исмҳо дар асри мавриди таҳқиқ бемаҳсул буда, ҳамагӣ 2%-ро ташкил кардаанд. Дар ин маврид, ҳақ ба ҷониби забоншинос Ҳ. Маҷидов аст, ки воруди фаъоли калимаҳои туркиро ба забони тоҷикӣ бештар ба нимаҳои асри XIX нисбат додааст.

Дар фасли «Исмҳои сохта» низ Калонова М.Ҷ. вандҳои калимасозро дар ҷадвалҳо омор карда, барои диссертатсияи худ замима пешниҳод кардааст. Ҷолиб он аст, ки барои муайян кардани он ки пешванди ягонаи исмсози “ҳам-” дар созмони чанд калима ба кор рафтааст, диссертант дар асоси 13 фарҳангҳои муътабари форсӣ-тоҷикӣ вожагоне дарёфт кардааст, ки бо пешванди “ҳам-” сохта шудаанд ва шумораашон 354-то мебошад. Ҳамчунин, исмҳои муайяншуда аз рӯйи ҳиссаҳои нутқ: аз 354 вожа 311 калима исм, 28-то асоси феълӣ, 5-то сифат, 7-то зарф ва 1-то ҷонишин мебошанд (*ба истисноu вожаҳои дус ва пор, ки этимологияашон маълум нагаштааст*). Аз 354 калима 188-то тоҷикӣ, 162-то арабӣ, 2-то туркӣ ва 2-то русӣ мебошанд.

Дар мавриди таҳқиқи исмҳои мураккаби пайваст ва тобеъ диссертант назари олимони ватаниву хориҷӣ чун Самарқандӣ С.А. Ниёзмуҳаммадов Б., Ниёзӣ Ш., Абдуллоев Б.Т., Халилов А., Исмоилов И., Ҳусейнов Х., Мирзоев Ғ., Сиёев Б., Рустамов Ш., Камолиддинов Б., Анварӣ С., Саймиддинов Д., Ҳалимов С., Бекмуродов М., Кенджаев Ю., Хоркашев С. Р., Қосимов О. Ҳ., Юсуфов А., Зоҳидов А., Ғаниева С., Зеҳнӣ Т., Бақозода Л. ва дигаронро овардааст, ки ин амал дарак аз он медиҳад, ки бо сарчашмаҳои зиёди илмӣ шинос шудааст. Ҳамчунин, Калонова М.Ҷ. исмҳои мураккаби пайвастро дар асоси қолибҳои такрори бевоситаи калимаҳо, сохташавии исмҳои мураккаби пайваст, бо асосҳо ва воситаҳои гуногуни грамматикӣ, аз асосҳои гуногун бе ягон морфема сохта шудани исмҳои мураккаб, сохташавии исмҳои мураккаб бо ёрии интерфикси «-у-» ва исмҳои мураккаби тобеъро аз рӯйи чунин гурӯҳҳо таҳқиқ намудааст: 1) факки изофат, 2) ибораҳои ғайриизофӣ ва 3) таркибёбии исмҳои мураккаби тобеъ бо ибораҳои феълӣ.

Аз баррасиҳои муфассали Калонова М.Ҷ. маълум мегардад, ки исмҳои мураккаб дар забони назми асри XIV, бахусус, ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совҷӣ мақоми хоса дошта, шоирон бо риояи қолибҳои калимасозии забон худ низ исмҳои мураккаб сохтаанд, ки мансуби забонҳои гуногун мебошанд.

Дар бахши хулосаи диссертатсия Калонова М.Ҷ. натиҷагириҳои худро аз таҳқиқи вожагони забони назми садаи XIV ба таври мушаххас дар 27 банд баён мекунад, ки ҳар яки онҳо пояҳои устувори илмӣ дошта, қобили эътимод мебошанд. Илова бар ин, диссертатсия, дар маҷмуъ, дар сатҳу савияи илми забоншиносӣ таълиф гардидааст ва он, воқеан, метавонад дар таҳқиқи вожагони назми шоирон классик саҳифаи тозаеро боз намояд.

Агар ба китобномаи диссертатсия ва феҳристи таълифоти муаллифи он таваҷҷуҳ кунем, маълум мешавад, ки Калонова М.Ҷ. тайи чанд сол рӯйи маводи мазкур таҳқиқот бурда, ба хотири ба анҷом расонидани он осори зиёди илмию назарии забоншиносиро омӯхтааст. Монография ва 31 мақолаи дар ин замина банашррасидаи диссертант далели эътирофи ӯ ба ҳайси забоншинос мебошад.

Дар баробари муҳассаноти мазкур дар диссертатсия баъзе камбуду норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикрашон бар фоидаи кор хоҳад буд:

1. Дар боби сеюми диссертатсия аз ҳиссаҳои номии нутқ танҳо исм мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Хуб мешуд, агар диссертант дигар ҳиссаҳои нутқро низ ба риштаи таҳлил мекашид.

2. Ҳангоми таҳлили вожагони ашъори Камоли Хуҷандӣ диссертант бештар ба «Девон»-и мураттабдодаи Абдуҷаббори Шоҳаҳмад такя кардааст, ки аз нусхаҳои форсии он истифода мекард, хубтар буд.

3. Зимни баррасии сохтори исмҳо ба асарҳои назариявии лаҳҷашиносӣ низ таваҷҷуҳ карда шудааст, ки ин масъалаи дигар аст.

4. Дар боби дуюми диссертатсия, ки вожгони забони тоҷикӣ аз рӯйи мавзуъ тасниф шудаанд, шарҳи илмии бештарро талаб мекунад.

5. Дар фасли «Исмҳои сохта» калимаҳо бештар дар шакли ибора тавзеҳ шудаанд, ки ин мавзуи баҳси синтаксис аст.

Зикри эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, онҳо арзиши илмии диссертатсияро халалдор намесозанд. Муҳтавои диссертатсия собит месозад, ки диссертант вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро пурра иҷро кардааст. Мазмуну муҳтаво, натиҷагириҳои муаллиф ва ҳаҷми таҳқиқоти мазкур ба талаботи диссертатсияҳои докторӣ ҷавобгӯст. Автореферат, монография ва мақолаҳои зиёди банашррасонидаи муҳаққиқ мазмуни асосии диссертатсияро ифода мекунанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Калонова Маҳина Ҷумабоевна дар мавзуи "Пажуҳиши луғавӣ - маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совачӣ)" таҳқиқоти комилу баанҷомрасида буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешниҳоди диссертатсияи докторӣ ҷавобгӯ ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Калонова Маҳина Ҷумабоевна дар мавзуи "Пажуҳиши луғавӣ - маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совачӣ)" ба самтҳои афзалиятноки илм иртиботи қавӣ дошта, ба ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ **мутобиқати комил дорад**.

Ҳамчунин, Диссертатсияи Калонова М.Ҷ. дар мавзуи "Пажуҳиши луғавӣ – маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совачӣ)" ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ” аз 16 апрели соли 2024, суратҷаласаи №9 муҳокима ва тасдиқ гардид. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 10 нафар, “зид” – нест, “бетараф” – нест.

**Раиси ҷаласа:**
**доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ** **Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович**

**Мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ** **Шерализода Адолат Шералӣ**

**Эксперт:**
**доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ** **Гадоев Нурхон**

**Котиби илмии ҷаласа:**
**номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ** **Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич**

**Имзоҳои С.Ҷаматов, А.Шерализода, Н.Гадоев, Ш.Юсуповро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ** **Мустафозода Абдукарим**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Нишонии муассисаи пешбар:**
**734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121**
**Тел.: +992 (37) 224-13-83. www. tgpu.tj: E-mail: info@tgpu.tj**

16 апрели соли 2024